**Истиклоли Точик- то эхёи феномени Ориёӣ**

*Мерасад марде, ки занчири гуломон бишканад,*

*Дидаам аз равзани девори зиндони Шумо.*

*(Мухаммад Икбол)*

Миллате, ки таърихи гузаштаи худро фаромӯш мекунад бо кавли нависандаи машхур Чингиз Ай
т
матов манкурт аст. Хак бар чониби Пешвои миллат аст, ки дар масъалаи шинохти асолати миллат ва арзишхои таърихию фархангии он хамеша пешгому собиткадам буда, мефармоя
н
д: «Гояхои Ватандӯстӣ, худогохиву худшиносӣ, эхтироми анъанаву суннатхои фарханги миллӣ хама якчоя кисми таркибии сиёсати мо оид ба таъмини амният, тахкими истиклолият
ва давлатдории миллӣ мебошанд». (Эмомалӣ Рахмон «Точикон дар оинаи таърих» китоби сеюм сах. 43)
.
Барои шинохти хакикати таърихӣ, вокиаву ходисот, ноадолативу нодидагирифтанхо, хиёнату дасисахои ночавонмардонаи хаммиллатону бегонагон
,
тӯли беш аз хафтхазорсоли
умри миллат, бояд хакикатнигорона сахифахои норушану фаромӯшгаштаи таърихро омӯхт ва ба гӯши наслхо расонид. Барои миллати фархангсолори точик хеч зарурияти таърихсозию таърихбофӣ нест. Танхо тавсифномаи ба арзишхои тамаддунӣ -

фархангии ориён нигоштаи таърихнигорони юнонӣ; Геродод дар “Таърих”, Ксенофонт дар “Курушнома”, Страбону Ктесӣ дар ойини озодагон... солноманигорону сайёхони чиноӣ; Сим Тсян дар солномаи “ Шитзи” (Навиштачоти таърихӣ), инчунин таърихномахои “Чун Тси” (Солномаи подшохон) ва садхо рисолаю монографияхои таърихнигорон аврупоӣ, хинду араб, рус ва чанде дигар дилбохтагони ин таърихи заррин кофист, то шахомати озодагонро бубинем. Миллати ориёгавхару озодаманиши точик аз ибтидои таърих, то кунун хамеша хостори озодӣ ва ободӣ будаву хамеша дар талошу пайкор бахри
ин неъмати бебахо буда. Хушбахтона, интихои асри бистум Озодӣ (Истиклол)- ро ба мо арзонӣ дошт, лекин душманони дар камин ва фурсатталаби озодагону ориёзодагон хостанд ин неъмати бебахоро аз мо бибаранд. Таърих гувох аст, ки ниёгони озодидӯстдор ва озодаманиши мо дар чахор даврони афтишу бархост, растахези эхёгарона намуда, чун симурги начотбахш аз хокистар чу ахтар бичастаанду фарханг у таммаддуни навине барои инсоният офаридаанд, ки худ муъчизаест беназир. Таърих дарси ибрат аст, агар давлат ва тамаддуни барсохтаи Пешдодиён аз дасти ифрити бегонае чун Заххоки ахриманнажод фурӯ рехт, зери дирафши Коваи озодихох озодагон гирд омаданду заминае барои давлату империяхои Кушониён ва Хахоманишиён гузоштанд. Чун ин империяхои фарохдомон аз захри бегонапарастӣ бо дасти Искандари Макдунии Гучастак (бадгавхар) пора гардид, сугдиёну бохтариёни богурури озода бо пайкору руйинтанӣ ин оташи чахонсӯзро
хомӯш ва ташкилкунандаи давлатхои юнонубохтарӣ ва сипас Ашкониёну Сосониёни бузург гардиданд. Фочиае, ки аз нифоки динию мазхабӣ бар сари озодагон омад, ин чира шудани тозиёни бодиянишин бар давлати бесарбонмондаи Сосониён буд. Дар ин афтиш ба вартаи магзрабо хам озодагону асилзодагони ориёӣ парчами озодӣ ва мубориза бар госибонро афрохтанд ва нахустин хиште бар пояхои давлатхои миллии Тохириён, Саффориён, Сомониён, Гуриён, Сарбадорон ва чанде дигарро гузоштанд. Точикон харчанд муддате дар сари кудрати сиёсӣ набуданд, лек вазорат фарханг, тамаддун ва маънавиёти тамоми давлатхои дар ин сарзаминхои бихиштӣ пайдошударо бар дӯши хештан доштанд. Яъне давлате бо зевари хикмату адабиёт доштанд ва рӯхи озодихохонаи наслхоро бедор нигох медоштанд. Тамоми чузъиёти онро аз асари безаволи Аллома Бобочон Гафуров “Точикон”, осори мондагори Пешвои муаззами миллат Эмомалӣ Рахмон дар сегонаи «Точикон дар оинаи таърих», “Чехрахои мондагор”, асари таърихӣ-хуччатии академик Рахим Масов «Таърихи табартаксим» ва даххо осори таърихии даврони навин метавон, дарёфт. Шохрохи Истиклоли давлатии Чумхурии Точикистон баъди Эъломияи Истиклоли давлатии Чумхурии Точикистондар санаи 24-уми августи соли 1990, то эълони Истиклоли давлатии Чумхурии Точикистон дар хучастарӯзи 9-уми сентябри соли 1991 ва санаи хумоюнии 27-уми июни соли 1997 Рӯзи Вахдати миллӣ росту хамвор нест. Ин даврони хаёту мамот ва зинда мондан, ё аз сахфаи таърих афтодан буд. Хушбахтона бо интихоби окилонаи сарвари сиёсии хеш дар шахсияти Эмомалӣ Рахмон миллат тавонист, ормонхои таърихии хешро бароварда созад. Санаи 2-юми марти 1992 дар сессияи 46-уми Ассамблеяи Генералии Созмони Миллали Муттахид ба узвияти СММ пазируфтани Чумхурии Точикистон кадами хумоюнӣ барои эътирофи давлат аз тарафи беш аз 190 кишвари чахон гардид. Ташкили нахустфоруми точикони чахон «Пайванд» дар шахри Душанбе партави бедорӣ барои муттахидии миллат буд. Ичлосияи XVI-уми такдирсози миллат аввалин нафаси тоза барои Вахдати миллӣ ва кабули Нишону Парчами миллии Чумхурии Точикистон (24.111992) бо рангу

рамзхои ориёии точу ситора, китобу хуршед эхёи дирафши Ковиёнии деринтизор буд. Аз Симпозиуми байналхалкии чашни «1000 –солагии «Шохнома» -и Хаким Абулкосими Фирдавсӣ» (5.09.1994)
дар шахри Душанбе, то икдоми бознашр ва ба тамоми сокинони кишвар аз номи Президенти Точикистон пахн намудани ин асари безавол ва ташкили Озмуни чумхуриявии Шохномахонӣ, эхёгариву бар асли хеш баргаштан аст. Дар хар вожаву мисраи Суруди миллии Чумхурии Точикистон (7.09.1994) танину навои ниёгони арчманд аз каъри таърих озодаманишона
баланд аст, ки марши бедорӣ , хамдастӣ, намои фарханг ва асолати ориёӣ аст. Чашни 1100 – солагии нахустдавлати миллии точикон Давлати Сомониён дар соли 1999 сиккаи таърихӣ дар худшиносӣ, худогохии миллӣ, шинохи ниёгон, фахре ба таърихи заррин буд, ки заминаи нахустину хос барои бозтоби силсилаи давлатхои ориёӣ гардид. Икдоми фархангии чашни 2700 – солагии китоби мукаддаси «Авасто» - ва шинохти паёмовари ростини озодагон Зардушти Спидамон таконе бар афкор ва андешаи миллӣ буд, то миллат аз дурохаи гумрохию бегонапарасӣ рахо ёбад. Ба муомилот баровардани пули миллии «Сомонӣ» (26.10.2000) ва бо чехрахои кахрамонони миллат,
рамзи осори фархангию хунарӣ, накшу тарх ва рангхои хосаи рӯшани ориёӣ ороишгарии он пайкори мондагори таърихист.
Пайкору талош барои чашни чахонии 2500-солагии шахрхои бостонии Истаравшан (Киропол, Курушкада) дар соли 2002, 2700- солагии Кулоб (Хулбук) дар соли 2005, 3000-солагии Хисори Шодмон дар соли 2016, 5500- солагии Саразм дар соли 2020 ва икдомхо барои бозтоби осори таърихии бостоншахрхои Тахти Сангин, Балх, Бохтар ва даххои дигар муаррифии таъриху тамаддун
ва фарханги беназири ориёист. Рӯй овардан ба арзишхои фарханги бостон ва эхёи хикмати поку мукаддас доштани яке аз чор унсури хаётофар об,
аз панч ташаббусхои беназир бо фарханги
инсонпарваронаи ориёист, дар самти оби тоза, то хифзи пияххо ва сарчашмахои обӣ. Эътироф ва чашни
соли “2003- Соли байналмиллалии Оби тоза»,
эълони солхои 2005-2015 Дахсолаи байналмиллалии амалиёти
«Об барои хаёт», соли “2013- Соли
байналмиллалии хамкорӣ дар сохаи об” , кабули катъномаи
Дахсолаи байналмилалии амал
“Об барои рушди устувор”
дар солхои 2018-2028 ва “2025- соли байналмиллалии хифзи пиряххо ” аз хучастатарин намоди фарханги бостон ва арзиши зиндагидӯстдорию
пайванд бо табиат доштани тамаддуни ориёист. Дар соли 2006 –ум дар кароргохи СММ ташкил ва баргузор намудани Симпозиуми байналмилалии «Сахми Тамаддуни Ориёӣ дар фарханги чахонӣ» муассиртарин гардиши куллӣ дар шинохти миллат, эътирофи фархангу тамаддуни бостонии он гардид. Бузургтарин мархилаи худшиносӣ эхёи чашнхои чахоргонаи ориёии Наврӯз, Тиргон, Мехргону Сада бо бозтоби санъат, хунару анъанахои миллӣ чун, Шашмакому Фалак, чакандӯзӣ, атласу адрасбофӣ, мухраю порчадӯзӣ ва чандин анвои дигар буд, ки чахониёнро тасхир намуд. Бо кабули катъномаи СММ дар ЮНЕСКО
дар санаи 30.09. 2009 “Наврӯз - иди байналмиллалию чахонӣ” эълон гардид, ки ташаббусхои фархангии Точикистон, бахусус талошхои пайгиронаи Пешвои

фарҳангпарвари миллат Эмомалӣ Рахмон дар самти эхёву муаррифии фарханги бостонии ориёточикон аст. Чашнвораи 33-солагии
Истиклоли давлатии Чумхурии Точикистон мархилаи дигари эхёгарист, дар зехнхои бедори миллӣ, барои расидан бар асолати ориёии хеш ва миллатро якпорчаю яктан, дӯстдори Ватан, Миллат, Тамаддуну фарханги Ориёӣ намудан аст. Ин рисолати ахли зиё, давлатмардон ва пешохангони чомеа аст, то рӯшноиофари рохи дурашони фардои миллат бигарданд. Хумоюну хучаста бод, Истиклоли миллати тамаддунсозу фарханзэчоди Точик!

**Аминчон Зариф,**

**устоди МДТ Коллечи политехникии нохияи Зафаробод.**